“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ
ба номи Моёншо Назаршоев
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент
__________ Комилбек Амид Ёрбек.
«_18_»_______11_________с2022

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХОРУҒ БА НОМИ
# МОЁНШО НАЗАРШОЕВ

Диссертатсияи Симоилбеков Асрор Музофирович дар мавзуи “Имкониятҳои истифодабарии самараноки сарватҳои таърихию фарҳангии минтакаи кӯҳистони Бадахшон дар ташкили ҳудудии сайёҳӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои географӣ, аз руйи ихтисоси: 25.00.24-Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ дар кафедраи биоэкология ва туризми Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев ба анҷом расонида шудааст.

Симоилбеков Асрор Музофирович шаҳрванди Ҷумуҳрии Тоҷикистон соли 2016 факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси экология хатм намудааст. Соли 2017 ба ҳайси аспиранти кафедраи биоэкология ва туризми Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев дохил шуда онро соли 2021 хатм намудааст.

Симоилбеков Асрор Музофирович дар баробари иҷрои рисолаи номзадӣ инчунин ба ҳайси ассистенти кафедраи биоэкология ва туризми факултети биологияи донишгоҳи нобаршуда фаъолият менамуд. Имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ, таърих ва фалсафаи илм, бо баҳои хуб ва ихтисосро бо баҳои аъло супоридааст.

Кори диссертатсионӣ таҳти роҳбари илмии доктори илмҳои биология, профессор, мудири шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ–педагогии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев Мамадризохонов Акбар Алихонович иҷро карда шудааст

Мушовири илмӣ Диловаров Раҳматшо- номзади илмҳои география, дотсенти кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии факултети географияи Донишгоҳи давлатии омӯзории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошад.

Мавзуи кори диссертатсионии Симоилбеков Асрор Музофирович таҳти унвони “Имкониятҳои истифодабарии самараноки сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон дар ташкили ҳудудии сайёҳӣ” зери роҳбарии д.и.б., профессор Мамадризохонов А.А. ва мушовири илмии н.и.г., дотсент Диловаров Р.Д. ва дар ҷаласаи

Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев, суратҷаласаи №8 аз 27.04.2018 тасдиқ карда шудааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи “Имкониятҳои истифодабарии самараноки сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон дар ташкили ҳудудии сайёҳӣ” чунин хулосаҳо бароварда шуд:

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи Симоилбеков Асрор Музофирович дар мавзӯи «Имкониятҳои истифодабарии самараноки сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон дар ташкили ҳудудии сайёҳӣ» ба масъалаҳои мубрами муосири илми иқтисодӣ бахшида шудааст, ҳамзамон бо забони илмӣ навишта шуда, тадқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд.

**Диссертатсия** дар назди кафедраи биоэкология ва туризми Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев иҷро карда шудааст.

**Дараҷаи омӯзиши илмии масъала, асосҳои назариявӣ ва методологии тадқиқот.** Ҷанбаҳои гуногуни соҳаи сайёҳӣ бахусус, сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар асарҳои як қатор олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Мақсади таҳқиқот** диссертатсионӣ ин таҳқиқи асосҳои назариявии рушди сайёҳии таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва коркарди механизми аз ҷиҳати илмӣ асосноки рушди устувор ва такмили он дар асоси пешниҳоду тавсияҳо мебошад.

**Вазифаҳои тадқиқот.** Барои комёб шудан ба ҳадафҳои мазкур вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

1. Омӯзиши назария ва асосҳои ташкилии сайёҳии таърихию фарҳангӣ.
2. Тавсифоти сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон чун манбаи иқтидори сайёҳӣ.
3. Баррасӣ намудани нақши мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ дар рушди соҳаи сайёҳӣ.
4. Таҳлили масалаҳои асосии рушди сайёҳии таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон.
5. Муайян намудани марҳалаҳои асосии инкишофи натиҷабахши сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар шароити минтақа.
6. Коркард ва тартиб додани модели тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ.
7. Ноҳиябандӣ намудани ҳудуди минтақаи Бадахшон вобаста аз мавҷудияти осори фарҳангию таърихӣ ва мусоидат ба ташкили мутташакили фаъолияти соҳа.

Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев, суратҷаласаи №8 аз 27.04.2018 тасдиқ карда шудааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи "Имкониятҳои истифодабарии самараноки сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон дар ташкили ҳудудии сайёҳӣ" чунин хулосаҳо бароварда шуд:

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи Симоилбеков Асрор Музофирович дар мавзӯи «Имкониятҳои истифодабарии самараноки сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон дар ташкили ҳудудии сайёҳӣ» ба масъалаҳои мубрами муосири илми иқтисодӣ бахшида шудааст, ҳамзамон бо забони илмӣ навишта шуда, тадқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд.

**Диссертатсия** дар назди кафедраи биоэкология ва туризми Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев иҷро карда шудааст.

**Дараҷаи омӯзиши илмии масъала, асосҳои назариявӣ ва методологии тадқиқот.** Ҷанбаҳои гуногуни соҳаи сайёҳӣ бахусус, сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар асарҳои як қатор олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Мақсади таҳқиқот** диссертатсионӣ ин таҳқиқи асосҳои назариявии рушди сайёҳии таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва коркарди механизми аз ҷиҳати илмӣ асосноки рушди устувор ва такмили он дар асоси пешниҳоду тавсияҳо мебошад.

**Вазифаҳои тадқиқот.** Барои комёб шудан ба ҳадафҳои мазкур вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

1. Омӯзиши назария ва асосҳои ташкилии сайёҳии таърихию фарҳангӣ.
2. Тавсифоти сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон чун манбаи иқтидори сайёҳӣ.
3. Баррасӣ намудани нақши мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ дар рушди соҳаи сайёҳӣ.
4. Таҳлили масалаҳои асосии рушди сайёҳии таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон.
5. Муайян намудани марҳалаҳои асосии инкишофи натиҷабахши сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар шароити минтақа.
6. Коркард ва тартиб додани модели тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ.
7. Ноҳиябандӣ намудани ҳудуди минтақаи Бадахшон вобаста аз мавҷудияти осори фарҳангию таърихӣ ва мусоидат ба ташкили муташакили фаъолияти соҳа.

8. Таҳлил ва асоснок намудани мушкилот ва афзалиятҳои стратегии сайёҳии таърихию фарҳангӣ ва самтҳои афзалиятноки рушди он дар ҳудуди ВМКБ.

9. Таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳо ҷиҳати боз ҳам самаранок ба роҳ мондани фаъолияти идоракунии ин намуди соҳаи сайёҳӣ ва зиёд намудани иқтидори он баҳри баланд бардоштани даромаднокии соҳа ва ҳаллӣ проблемаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии минтақа.

**Объекти тадқиқот.** Иқтидорҳои сарватии таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон ҳамчун заминаи рушди равияҳои сайёҳӣ.

**Мавзӯи тадқиқот:** Объектҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон ҳамчун сарчашмаи рушди сайёҳӣ ва муносибатҳои ташкилию идоравӣ буда, бо мақсадҳои ташкили ҳудудии сайёҳӣ истифода бурда мешавад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқотро асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба масъалаҳои рушди соҳаи сайёҳӣ, инчунин маводи семинарҳою конференсияҳои илмӣ, муқаррароти назарияи умумии сайёҳӣ ва фарҳангӣ бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Асоси методологии таҳқиқотро функсионализми сохторӣ, ки объектҳои гуногуни географии таърихию фарҳангии баррасишаванда, ки ҳамчун падидаи системавие, ки таъсири мутақобилаи одамон ва объектҳои таърихию фарҳангиро танзим намуда манбаи манфиат ва қонеъ гардонидани талаботи онҳо мебошанд, ташкил медиҳад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** корҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба обектҳои таърихию фарҳангии минтақа, инчунин фармонҳо, қонунҳо ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

**Асосҳои методологиии таҳқиқот.** Асоси таҳқиқотро усулҳои муосир ва истифодаи самараноки неруи сайёҳӣ ташкил дода, барои рушди назарияҳои иқтисодиёт, менеҷмент, идоракунии сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар ноҳияҳои кӯҳсори Тоҷикистон мусоидат мекунад. Дар ҷараёни таҳқиқот усулҳои махсуси географӣ, ки аз мушоҳидаҳои муқоисавии географӣ, экспедитсионии саҳроӣ, картографӣ, оморӣ ва пешгӯӣ иборат мебошанд, истифода бурда шуд.

**Навоварии илмии таҳқиқот** аз таҳияи усулҳои ташкиливу иқтисодии баланд бардоштани ҷолибияти сарватҳои таърихию фарҳангии ВМКБ иборат мебошад. Дар раванди таҳқиқот натиҷаҳои асосии зерин, ки навоварии илмии кори диссертатсиониро ташкил менамояд, ба даст оварда шудаанд:

- Бори аввал дар диссертатсия дар шароити минтақаи кӯҳистон назария ва асосҳои ташкилии фаъолияти сайёҳии таърихию фарҳангӣ

омӯхта шуда, объектҳои таърихию фарҳангии минтакаи кӯҳистони Бадахшон ҳамчун манбаи потенсиалии сайёҳӣ, накши онҳо дар рушди сайёҳии кишвар тавсиф карда шуданд.

- Дар асоси тафриқаи ҳудуд вобаста аз мавҷудияти сарватҳои таърихию фарҳангӣ ва дараҷаи мусоид будани ҳудуд, минтақаи омӯзишӣ ба ноҳияҳои алоҳида ҷудо карда шудааст.
- Масъалаҳои асосии рушди сайёҳии таърихию фарҳангии минтақа таҳлил ва муайян карда шуда, марҳилаҳои асосии рушди самараноки сайёҳии таърихию фарҳангӣ муайян ва асоснок карда шудааст;
- Ареалаҳои асосии рушди босамари сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар ҳудуди минтақаи омӯзишӣ муайян шуда, дар асоси таҳлили мушкилот иқтидори сайёҳии минтақа муайян карда шудааст.
- Дар диссертатсия дар асоси омӯзиши равишҳои методологии осори таърихию фарҳангии минтақа модели мувофиқи ташкилию иқтисодӣ пешниҳод шудааст, ки истифодаи самараноки он ба баланд бардоштани самаранокии ин намуди фаъолияти сайёҳӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.
- Дар асоси таҳлили ҳаматарафаи мушкилот ва афзалиятҳои стратегии туризми таърихию фарҳангӣ муайян карда шуда, самтҳои афзалиятноки рушди соҳа дар ҳудуди ВМКБ асоснок карда шудааст;

- Бо мақсади баланд бардоштани нерӯи ин намуди фаъолияти сайёҳӣ барои ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар проблемаҳои минтақа, роҳҳои самараноки идоракунии фаъолияти сайёҳии фарҳангию таърихӣ муайян карда шуда, барои дар амалия ҷорӣ намудани бандҳои он, пешниҳоду тавсияҳо манзур гардидаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти** кори диссертсионӣ дар он ифода ёфтааст, ки муқаррарот ва хулосаҳои асосии он барои истифодаи амалияи муассисаҳои сайёҳӣ дар системаи идораи минтақавии рушд ва ташвиқи сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар ҳудуди ВМКБ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон истифода кард. Модели таҳияшудаи рушди минтақавии сайёҳии таърихию фарҳангӣ барои самаранок ба роҳ мондани фаъолият оид ба ташаккул ва рушди ин намуди сайёҳӣ мусоидат мекунад. Равишҳо ва пешниҳодҳои методие, ки дар диссертатсия оид ба ташаккул ва рушди устувори сайёҳии таърихию фарҳангӣ кор карда баромада шудаанд, метавонанд дар таҳияи нақшаҳои таълимӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ оиди гузаронидани курсҳои махсус барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва низоми бозомӯзии мутахассисони соҳаи сайёҳӣ истифода шаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Шӯрои

диссертатсионии 6D.КОА–058 аз рӯйи ихтисоси 25.00.24 - Географияи иктисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ мутобик мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Иштироки бевосита дар тадқиқоти сахроӣ (2016-2022), ҷамъоварӣ ва таҳлили асарҳои бунёдии олимон оид ба ҷанбаи сайёҳии таърихию фарҳангӣ, ҳамкорӣ бо дигар соҳаҳои хоҷагии халқ, коркарди маълумоти ибтидоии оморӣ, таҳлил ва ҷамъбаст намудани натиҷаҳои тадкиқот, апробасияи натиҷаҳо ва тартиб додани хулосаҳо арзёбӣ мегардад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ –амалии дар Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии Данғара дар давоми солҳои 2016-2022 баргузоргардида, мавриди барасӣ қарор дода шудааст.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 11 мақолаи илмии муаллиф инъикос ёфтаанд, аз ҷумла 5 мақолаи дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Натиҷаҳои ҷудогонаи таҳқиқотро** метавон мустақиман зимни ташкил таҳияи хатсайрҳои сайёҳӣ, маблағгузорӣ ва рушди соҳаи сайёҳи дар минтақаҳои кӯҳсори Тоҷикистон қарор дод. Баъзе аз муқаррароти илмию методии диссертатсияро ҳангоми хондани лексия аз фанҳои “Географияи иқтисодии Тоҷикистон”, “Географияи табиии Тоҷикистон”, “Сайёҳии рекреатсионӣ”, ”Сайёҳии кӯҳӣ”, ”Менеҷмент дар соҳаи сайёӣ” ва ғайраҳо истифода бурдан имконпазир аст.

## РӮЙХАТИ МАҚОЛАҲОИ ЧОПШУДА АЗ РӮИ МАВЗӮЪ:

### А) Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии эътирофгардидаи КОА назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

1. Симоилбеков А.М. Рушди туризми фарҳангӣ-этнографӣ ҳамчун усули ҳифз ва барқароркунии мероси табиӣ ва этнофарҳангии мавзеъҳои кӯҳистони Тоҷикистон/А.М.Симоилбеков, А.А. Мамадризохонов, Ҳ.Е. Карамухудоев //Паёми Донишгоҳи Хоруғ. Бахшии 2. №2 (15). Хоруғ, 2020. С. 163-168
2. Симоилбеков А.М. Перспективы и стратегические приоритети развития туризма на территории ГБАО Республики Таджикистан/ А.М. Симоилбеков, А.А. Мамадризохонов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. Часть 2. №3. Душанбе, 2021. С. 80-95.
3. Симоилбеков А.М. Имкониятҳои рушди самараноки туризми таърихӣ-фарҳангӣ дар шароити ВМКБ/ А.М. Симоилбеков // Паёми Донигоҳи Хоруғ. Бахши 2. №3(19). Хоруғ, 2021. С.-90-95.

4. Симолибеков А.М. Перспективы развития туризма по маршруту Таджикской линии Великого шёлкового пути / А.М. Симоилбеков, А.А. Мамадризохонов // Вестник Педогогического унивкрситета. Серия естественных наук. №3-4(11-12). Душанбе, 2021.С.26-30.

5. Симолибеков А.М. Сайёҳии таърихию фарҳангӣ ҳамчун стратегияи рушди иқтисодӣ дар минтақаҳои кӯҳии мамлакат / А.А. Симоилбеков, Р. Диловаров // Паёми Донигоҳи Хоруғ. Бахши 1. №3(23). Хоруғ, 2022. С.65-73.

**Б) Мақолаҳои интишоршуда дар дигар мачаллаҳо:**

1. Симоилбеков А.М. Осори этнофарщангии ВМКБ ва нацши ор дар ыалби сайёҳон. Симоилбеков А.М. // Маводи конференсияи Ҷумҳуриявии илмию назариявии “Мавқеъ ва нақши ёдгориҳои таърихӣ дар рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. Душанбе, 2018. С 157 – 159.

2. Симоилбеков А.М. Этнокультурный особенности ГБАО – важный фактор развития туризма. А.М. Симоилбеков, А.А. Мамадризохонов // Вестник Хорогского университета. Серия 1 №12. Хорог, 2018. С. 78-95.

3. Симоилбеков А.М. Проблема охраны и рационального использования биоразнообразия горных регионов Таджикистана/ А.М. Симоилбеков, А.А. Мамадризохонов // Материалы республиканской научной конференции “Биоразнообразие горных экосистема Памира в связи с изменением климата” Иниститут биолгии Помир им Юсуфбекова Х.Ю. Хорог, 2021. С 165-168.

4. Симоилбеков А.М. Вопросы устойчивого использования биоразнообразия горных регионов Таджикистана/ А.М. Симоилбеков, А.А. Мамадризохонов // Материалы IX-ой международной конференции “Экологические особенности биологического разнообразия” Национальная академия наук Таджикистана, Хатлонский научный центр. Душанбе, 2021. С 146-147.

5. Симоилбеков А.М. Стратегические приоритеты развития туризма на территории ГБАО Республики Таджикистан/ А.М. Симоилбеков, А.А. Мамадризохонов //Материаль международной научно-практической конференции “Роль системы образования в эффективном решении проблем, охраны и рационального использования природных ресурсов Памира” Хорог, 10-11 ноябр 2021.

6. Симоилбеков А.М. Мушкилоти асосии фаолияи самаранок ва рушди соҳаи сайёҳи дар шароити ВМКБ Ҷумҳурии Тоҷикистон/ А.М. Симоилбеков, А.А. Мамадризохонов // Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ конфренсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯъи: “Рушди илм ва маориф дар шароити ҷаҳоншавӣ дар мисоли шароити кӯҳистон: Мушкилот, равишҳои нав ва таҳқиқоти дахлдор”. Хоруғ, 2022. С 149-153.

Бо назардошти тақризи мусбии муқарризони холис ва натиҷаи муҳокима, диссертатсияи Симоилбеков Асрор Музофирович дар мавзуи “Имкониятҳои истифодабарии самараноки сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон дар ташкили

ҳудудии сайёҳӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география пешниҳод карда шуда, кори илмии ба анҷом расида ҳисобида шудааст, ки маротибаи якум дар сатҳи зарурӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст ва аз рӯйи сохтор, ҳаҷм, нуктаҳои асосии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, интишороти мансуби мавзуи диссертатсия ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба кори диссертатсионии номзадӣ мутобиқи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021 г. №267. тасдиқ карда шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва барои ҳимоя намудан, ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.24 - Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ тавсия карда мешавад.

Автореферати диссертатсия пурра таҷасумгари мазмуну мундариҷаи он буда, ба шиносномаи ихтисоси 25.00.24 - Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ мувофиқат менамояд.

Хулоса дар Шурои илмии васеи ғайринавбатии факултети биологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев қабул карда шудааст, ки дар асоси он диссертатсияи Симоилбеков Асрор Музофирович дар мавзуи “Имкониятҳои истифодабарии самараноки сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон дар ташкили ҳудудии сайёҳӣ” барои ҳимояи расмӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-053 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ тавсия карда мешавад.

Дар ҷаласаи Шурои илмӣ иштирок намуданд: аз 27 нафар 26 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 26 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф»- нест, суратҷаласаи №7 аз 18 ноябри соли 2022.

**Раискунандаи Шурои илмии факултет:**
Муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев, д.и.т., профессор Аҳмадзода Б.Р.

Котиби Шурои илмӣ:
номзади илмҳои биологӣ Наврузбекова М.

Имзои д.и.т., професссор Аҳмадзода Б.Р. ва н.и.б. Наврузбекова М.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси ДДХ ба номи М.Назаршоев Саидраҳмонов Н.С.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХОРУҒ ба номи М. НАЗАРШОЕВ РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС